# Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (Дастур барои истифода)

Submitted by Ҳайати тадорукот on 30 December, 2017 - 12:16

[1]

Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба дӯстдорон ва посдорони забонӣ тоҷикӣ дар сомонаи Кумитаи забон ва истилоҳот ба наздикӣ дастрас мешавад. Айни замон гунаи электронии фарҳанг дар ҳоли коркард мебошад. Шумо метавонед аз гунаи санҷишӣ истифода баред. Фарҳанг зиёда аз 10 имкони ҷустуҷӯиро дар бар мегирад, ки метавонед ҳам дар қисмати вожа ва ҳам дар қисмати тафсири вожа интихоб карда, барои ҷустуҷӯи тафсири вожаҳо татбиқ намоед. Масалан, агар шумо хоҳед, ки дар қисмати тафсири вожаҳои фарҳанг калимаи "тоҷикӣ"-ро ҷустуҷӯ намоед, калимаи "тоҷикӣ"-ро танҳо ба қисмати тафсири вожа ворид

карда, имкони "Дар бар мегирад"-ро интихоб намоед, ва тугмаи "Ҷустуҷӯ"-ро зер кунед. Ба воситаи Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ дар сомонаи Кумитаи забон ва истилоҳот Шумо метавонед барои ҷустуҷӯи вожаҳо ва тафсирашон аз имконоти ҷустуҷӯии ҳаматарафа истифода баред.

**Content rating:** 5

Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- Фарҳангҳо [2]

**Source URL:** https://kumitaizabon.tj/en/node/1416

**Links**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/farhangi-tafsiry.png [2] https://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/53